Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14

## ТАҚРИЗ

ба автореферати Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

Дар шароити муосир тақвияти иттиҳодҳои иқтисодию молиявӣ дар иқтисоди миллӣ ва тағйирёбии вазъи ҳамгироиҳо дар самти сармоягузорӣ, муаммоҳои танзим ва такмили иқтидори сармоягузории давлат дар минтақаҳо накши муҳимро касб менамояд. Махсусан рушди соҳаҳои аграрию саноатӣ, ҳамчун бахшҳои воқеъии иқтисодиёт барои тақвияти иқтидори сармоягузорӣ мусоидат намуда, сарфи назар аз ин, сармоягузорӣ дар соҳаҳои мазкур масъалаи калидӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои омӯзиши иқтидори сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он солҳои охир мавриди таҳқиқ қарор гирифта, аҳаммияти илмӣ ва амалии он вобаста ба ҷалби сармоягузорӣ баъзе аз минтақаҳо ноустувор мебошад.

Натиҷаи таҳқиқотҳои муаллиф собит намуд, ки ҷанбаҳои методии фароҳамоварии фазои сармоягузорӣ барои имконияти рушду тақвияти иқтидори сармоягузорӣ аз мавқеи рақобатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ мусоидат мекунад. Дар ин асос талабот ба дарёфти роҳҳои ба амал овардани сармоягузорӣ дар минтақа ба вуҷуд омада, масъалаи таҳлил ва баррасии таъсири омилҳои ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақа, хусусан дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин, муаллиф дар таҳқиқотҳои худ бештар ҷанбаҳои омӯзишиву пешниҳодии иқтидори сармоягузорӣ, тақвияти усулҳои сафарбарнамоии иқтидори сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкории хурди истеҳсолӣ ва коркарди ашёи хоми маҳаллиро таҳлилу баррасӣ намудааст. Аз ин нуқтаи назар, қисми зиёди иқтидорҳои сармоягузорӣ дар сатҳи минтақа аз мавҷудияти иқтидори сармоягузории кишвар, минтақаҳо ва субъектҳои хоҷагидории онҳо вобаста мебошад, ки ҳамаи инро Зубайдов Ҷ.И. дар автореферат пурра дарҷ намудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳо низ мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо ин:

1. Муаллиф дар саҳифаи 13, расми 2-юми автореферат қасмҳои таркибии иқтидори сармоягузории минтақаро мавриди муҳокима қарор додааст, лекин сохторҳои таркибии ин расм дар автореферат ба таври кофӣ кушода нашудаанд;

2. Дар саҳифаи 17, диаграммаи 1 муаллиф оид ба тамоили дигаргуншавии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар минтақаҳои Ҳисор ва Рашт ҳарф задааст. Хуб мебуд, агар дар тамоюли мазкур муаллиф дигар зерминтақаҳои НТҶ-ро низ мавриди баррасӣ қарор медод.

Камбудӣ ва норасоиҳои номбаргардида қимати назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунад ва он ҳамчун хислати пеншиҳодӣ (ё маслиҳатӣ) доранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович дар мавзуи «Роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Зубайдов Ҷонибек Иброҳимович арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
д.и.и., профессори кафедраи идораи
давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоев О.

Имзои «Бобоев О.»-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.

Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
куч. Саид Носир - 33, телефон: +992(37) 224-17-86,
372-24-17-86, info@apa.tj